# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Шарифзода Ёрмуҳаммад Шариф дар мавзуи «Мирзо Ҳайити Саҳбо ва мақоми ӯ дар адабиёти тоҷикии охири асри XIX ва ибтидои асри XX» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ**

Яке аз суханварони сермаҳсули ҳавзаи адабии Бухорои нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои садаи XX, ки то ҳанӯз таваҷҷуҳи адабпажӯҳони ватанию хориҷиро ба таври зарурӣ ба худ ҷалб накардааст, Мирзо Ҳайити Саҳбо маҳсуб меёбад. Ҳарчанд доир ба рӯзгори пурпечутоб ва фаъолияти эҷодии Мирзо Ҳайити Саҳбо дар осори илмии суханшиносони варзидаи тоҷик, аз ҷумла Садри Зиёву устод Садриддин Айнӣ ва дар дигар тазкираву мақолоти донишмандон ба таври иҷмолӣ сухан рафта бошад ҳам, вале ин ишораҳо танҳо хонандаро мухтасаран ба ҳаёту эҷодиёти шоир ошно менамоянду халос.

Диссертант Шарифзода Ёрмуҳаммад Шариф тавонистааст, ки як кори диссертатсиониии қобили таваҷҷуҳро роҷеъ ба рӯзгору фаъолияти эҷодӣ, осори бамеросмондаи шоир, анвои шеърӣ, вижагиҳои забонию сабкии ашъори Мирзо Ҳайити Саҳбо ба анҷом расонад.

Тавре аз фишурда бармеояд, диссертатсияи мавриди назар аз муқаддима, 3 боб, 9 фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ ва дар бахши тавсифи умумии таҳқиқ мақсад, вазифаҳо, объекту предмет, асосҳои назарӣ, методологӣ, сарчашмаҳо ва навгонии илмии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаҳои ихтисоси илмӣ ва дигар бахшҳои барои ин қисмати кор муқарраргардида баён гардидаанд.

Боби якуми диссертатсия «Рӯзгор ва осори Мирзо Ҳайити Саҳбо» унвон дошта, дар ин бахши кор масъалаҳое, чун зиндагиномаи Мирзо Ҳайити Саҳбо ва мероси адабии ӯ мавриди таҳқиқоти вижаи илмӣ қарор гирифтааст.

Аз таҳқиқоти масъала маълум мегардад, ки Мирзо Ҳайити Саҳбо яке аз суханварони сермаҳсули ҳавзаи адабии Бухорои нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои садаи XX ба ҳисоб рафта, қисмати охири умри шоир бисёр сангину пуризтироб гузаштааст. Шоир ба ҳамаи мушкилоти ҳаётӣ нигоҳ накарда, аз худ мероси мондагоре ба мерос гузоштааст.

Аз мероси адабии шоир бармеояд, ки аз осори ӯ то имрӯз 191 ғазал, 111 мухаммас, 26 қасоид 4 мусаддас, 6 қитъа, 6 фардбайт боқӣ мондааст, ки ҳамагӣ бозгӯкунандаи шоири сермаҳсул ва меҳнатқарин будани Мирзо Ҳайити Саҳбо гувоҳӣ медиҳанд.

Боби дуюми диссертатсия «Мушаххасоти анвои шеъри Саҳбо» ном дошта, дар ин бахши рисола мазмуну мундариҷа ва хусусиятҳои жанрии ғазалиёт, мухаммасот, қасоиди шоир ва хусусиятҳои мундариҷавию ғоявии онҳо ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст.

Аз таҳқиқи масъала маълум мегардад, ки дар миёни осори шоир ғазалиёт ва мухтасоти ӯ мақоми вижа дошта, аз рӯйи микдору теъдод низ онҳо нисбат ба дигар жанрҳои адабӣ бештар эҷод шудаанд. Мавзую муҳтавои ғазалиёту мухтасоти шоирро мавзуъҳои ваҳдату ягонагии одамон, ишқу муҳаббати самимӣ, панду андарз, тавсифи маю майгусорӣ, хушгузаронии умр ва ғайраҳо дар бар мегирад.

Боби сеюми диссертатсия «Хусусиятҳои сабкӣ ва поэтикии ашъори Саҳбо» номгузорӣ шуда, аз чор фасл иборат иборат буда, дар ин бахши кор масъалаҳое, чун вижагиҳои сабкӣ, хусусиятҳои бадеии ашъори Саҳбо, вазни ашъор ва хусусиятҳои он, накши қофияву радиф ва хусусиятҳои онҳо дар ғазалиёти шоир мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Диссертант тавонистааст ин қисмати корро низ ба таври густарда таҳқиқу баррасӣ намояд. Ба ин васила диссертант Шарифзода Ёрмуҳаммад Шариф ҳунари шоирии Саҳборо дар мисоли истифода аз саноеъи бадеии ташбеҳ, истиора, талмеҳ, таҷнис, мувашшаҳ, тавсиф ё сифатчинӣ, тазод, такрор, муболиға, иҳом ва амсоли нишон диҳад.

Хулосаи диссертатсия муҳимтарин натиҷаҳои пажӯҳишро дар бар мегирад. Масъалагузорӣ, муҳокимаҳо, натиҷагириҳои муаллиф ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ гувоҳи онанд, ки диссертант

мавзуъро хуб медонад ва дониши кофӣ ба ӯ имкон додааст, то масъалаҳои мавриди баҳсро мувофиқи мақсад баррасӣ намояд.

Тарзи нигориши автореферат аз мустақилияти фикрӣ, ҷустуҷӯйҳои илмӣ ва саъйи дурусти муаллиф дарак медиҳад. Ҷанбаҳои илмии таҳқиқоти мазкур ба талабот ҷавобгӯ мебошанд.

Бо нияти таҷдиди назар, такмили баъзе нукоти кори таҳқиқӣ ва пешрафти корҳои илмӣ-таҳқиқии минбаъдаи муаллиф ба инобат гирифтани эроду пешниҳодҳои зерин ба манфиати кор мебошад:

1. Дар корҳои илмӣ-таҳқиқӣ матлаб ва андешаи баёншуда бояд дақиқ ва мушаххас ифода ёбанд. Дар автореферати диссертатсия ҷо-ҷое чунин мушаххасот аз мадди назари муаллиф дур мондааст. Масалан, дар саҳифаи 8-и автореферат чунин ҷумлаҳо ба чашм мерасанд: «Муаллиф дар тули солҳои ба ҳайси унвонҷӯ фаъолият карданаш беш аз 5 сол ба омӯзиши рӯзгор ва осори Саҳбо машғул шуда, инчунин перомуни рӯзгор ва осори шоир бештар аз 10 мақолаҳои илмӣ ба табъ расонидааст». Дар ҳамин саҳифа дар бахши «Интишори натиҷаҳои диссертатсия» ва дар охири автореферат теъдоди мақолаҳои муаллиф 9 адад нишон дода шудааст, ки нодуруст ифода ёфтани матлабро иқтибоси овардашуда собит мекунанд. Илова бар ин, дар ифодаҳои «беш аз 5 сол» ва «бештар аз 10 мақолаҳои илмӣ» калимаҳои «беш» ва «бештар» барзиёд буда, боиси заъфи баён шудаанд.

2. Баъзан дар автореферати диссертатсия баёни андеша ва ифодаи матолиб аз забони шахси дуюм сурат гирифта, мутаассифона, чунин тарзи баён дар корҳои илмӣ-таҳқиқии дигар довталабони дараҷаҳои илмӣ низ ба назар мерасад. Ба ҳукми далел чанд намунаро аз авторферати мавриди назар нишон додан мумкин аст: «муаллиф назди худ баррасии чунин вазифаҳоро мегузорад», «маҳсули пажӯҳиши шахсии муаллиф буда», «муаллифи диссертатсия кӯшиш ба харҷ додааст» ва ғайра.

3. Боби 3-юми диссертатсия, ки «Хусусиятҳои сабкӣ ва поэтикии ашъори Саҳбо» унвон дорад, агар «Поэтикии ашъори Саҳбо» номгузорӣ мегардид, беҳтар буд. Аслан, истилоҳи поэтика мафҳуми фарогир буда, ҳамаи масъалаҳои дар ин боб таҳқиқшударо фаро гирифта метавонад.

Ғалатҳои зикршуда хусусияти ҷузъӣ доранд ва ба арзиш ва аҳаммияти илмию амалии кори таҳқиқӣ таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Шарифзода Ёрмуҳаммад Шариф дар мавзуи «Мирзо Ҳайити Саҳбо ва мақоми ӯ дар адабиёти тоҷикии охири асри XIX ва ибтидои асри XX» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи автореферат ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ мебошад.

**Муқарриз:**

номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи назария ва адабиёти навини
форсии тоҷикии факултети филологияи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Бобомаллаев И.Ҷ.
«02» апрели соли 2024.

Суроға: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
кӯчаи Маяковский бинои 85/2, ҳуҷраи 10
Тел.: (+992) 555-05-15-50
E-mail: ilhom-b.89@mail.ru

Имзои Бобомаллаев Илҳомҷон
Ҷонобовичро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj

«02» апрели соли 2024.